Мо бо Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) саҳарихурӣ кардем, сипас ӯ барои намоз бархостанд. Ман гуфтам: Байни азон ва саҳарихурӣ чӣ қадар фосила буд? Фармуд: Ба андозаи хондани панҷоҳ оят

Аз Зайд ибни Собит (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Мо бо Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) саҳарихурӣ кардем, сипас ӯ барои намоз бархостанд. Ман гуфтам: Байни азон ва саҳарихурӣ чӣ қадар фосила буд? Фармуд: Ба андозаи хондани панҷоҳ оят.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Баъзе аз саҳобагон (разияллоҳу анҳум) ҳамроҳи Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) саҳарихурӣ карданд, баъд аз он Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барои намози бомдод бархостанд. Анс ба Зайд ибни Собит (разияллоҳу анҳу) гуфт: Миқдори вақт байни азон ва поёни саҳарихурӣ чӣ қадар буд? Зайд (разияллоҳу анҳу) гуфт: Ба андозаи хондани панҷоҳ ояти миёна, на дароз, на кӯтоҳ, на хондани бошитоб ва на оҳиста.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4457